«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
Ибодуллозода А.И.
_________________
«_6_» ____12____ 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи **«Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) бо қарори шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти №3.6/1 аз 01-уми октябри соли 2021 тасдиқ гардида, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики донишгоҳи номбурда иҷро гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз 5-уми декабри соли 2025 таҳти протоколи №5 муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Каримзода Мусо Бобишо ҳамчун унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва декани факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба номи С. Айнӣ фаъолият мекард. Соли 1998 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Инкишофи системаи маорифи ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1960-1980)» ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ гардидааст.

Мушовири илмӣ – доктори илмҳои таърих мудири шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ Фозил Абдурашитов мебошад.

Диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи **«Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)»** дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ баррасӣ гардида, дар муҳокимаи он аъзоёни кафедраҳо: доктори илмҳои таърих, профессор Абдуназар Ҳақназаров, номзадони илмҳои таърих, дотсентон М. Шарофова, Ғ. Гадоев, М. Шарипов, Д. Негматов, С. П. Сайнаков, М. Ганҷакова, Ф. Мирзоев, Ҳ. Дарвозиева, Ё. Исмоилов, С. Ғуломшоев, Р. Давлатшоев, Д. Раҳимзода, Т. Наҷмуддинзода, А. Мусоев, Ш. Ҷонмуродов ва унвонҷӯёну омӯзгорони кафедра, инчунин ходимони калони илмии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ, докторони илмҳои таърих Рақиб Абулхаев, Манзура Ҳасанова ва Фозил Абдурашитов иштирок доштанд.

**Дар рафти муҳокимаи диссертатсия хулосаи навбатӣ қабул карда шуд:**

Диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи **«Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)»** ба шумор рафта, мавзуъ аз ҷониби муаллиф бо фарогирии сарчашмаҳо, маводҳои бойгонии

ҷумҳурӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии худи диссертант ва таҳқиқоти олимони намоёни соҳаи илми таърих мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои илмӣ пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

**Мубрамии мавзуъ** аз он иборат аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маорифро самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ эълон намуда, ба вазъи соҳаи маориф ва рушду инкишофи он, ба дараҷаи баланд тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи муосир, ҳамзамон тақвият додани дараҷаи сифати донишандӯзии хонандагону донишҷӯён дар муассисаҳои томактабӣ миёнаи умумӣ типӣ нав, ибтидоию миёна ва олии касбӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад.

Таърихи ислоҳоти мақсадноки соҳаи маориф, ки дар давоми солҳои истиқлол дар партави сиёсати созандаи иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳимро касб кардааст, нишон медиҳад, ки таҷдиди назар намудани вазъ ва рушди ҳамаи намудҳои муассисаҳои таълимӣ алалхусус раванди низоми таҳсилот ба талаботи рушди таҳсилот дар шароити ҳозира яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад.

Аз ҳамин нуқтаи назар таҳқиқ ва баррасӣ намудани таърихи ислоҳоти маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароити муосир аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

**Мақсад ва ҳадафи таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур таҳқиқ ва таҳлили таърихи раванди ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоию миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Вазифаи асосии таҳқиқоти диссертатсия равшани андохтан ба таърихи раванди низоми таҳсилоти босифат ва дастрас барои ҳамаи қишри ҷомеа мебошад, то тавонад иқтисодиёти кишвар бо кормандони босалоҳияти мутобиқ ба инфрасохтор ва технологияҳои муосиру инноватсионӣ асосёфта таъмин гардад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия бори нахуст дар асоси маъхазҳои дасти аввал, хусусан асноду ҳуҷҷатҳои давлатӣ, маводи бойгонӣ, матбуоти даврӣ ва таҳқиқоти олимони соҳа дар илми таърихи ватанӣ масъалаи мазкур мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст.

**Аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва пешниҳоди илмию методӣ барои хониши курсҳои махсус доир ба ислоҳоти соҳаи маорифро дар ҳама зинаҳои таҳсилот алалхусус таҳсилоти томактабӣ миёнаи умумӣ ва типҳои нав, ибтидои миёна ва олии касбӣ ва курсҳои такмили ихтисоси муаллимон инчунин дар курсҳои асоси истифода кардан мумкин аст.

Пажуҳиш нишон дод, ки дар амалия истифода намудани ислоҳоти соҳаи маориф, ки аз татбиқи низоми нави таълим аз қабили истифодаи технологияҳои инноватсионии раванди таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот пурмаҳсул гардонида ҳавасманди омӯзгор ва хонандаро ба дарс зиёд мегардонад.

Таҳқиқот ба кормандони соҳаи маориф дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, алалхусус мураббиён ва омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ, миёнаи умумӣ ва типҳои нав, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ барои баланд бардоштани сифати кори таълиму тарбия ва омода намудани кадрҳои баландихтисос ёрии амалӣ мерасонад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Аз рӯйи мазмун ва мундариҷаи худ диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) мутобиқат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро** маълумотҳои дақиқ, маводи бойгонӣ, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоиса, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ таъмин менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст. Ҳамзамон, тартиб додани нақша ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, саҳми шахсии муаллифро инъикос менамоянд. Ҳамаи натиҷаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда, ки шахсан аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудааст ба таври возеҳ нишон дода шудаанд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм дар ҷумҳурӣ.** Мавзуи диссертатсия ба сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти илм ва самтҳои афзалиятноки рушди илм дар ҷумҳурӣ пурра алоқамандӣ дорад.

**Мавҷудияти санади тадбиқи натиҷаҳои илмӣ ё имконияти тадбиқи онҳо.** Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар омӯзиш ва инкишофи низоми маорифи халқи Тоҷикистон, барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати сармоягузорӣ дар бахши инфрасохтори соҳаи маориф истифода мешаванд.

**Натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаи муҳими диссертатсия дар он аст, ки бори нахуст масъалаи мазкур дар асоси факту далелҳо пурра ва дақиқ таҳлил гардида, дар сурати ҳамин таҳқиқот шакли мукаммалу мушаххасро пайдо кардааст. Диссертатсия сохтори муназзам, пайдарҳам ва мантиқӣ дошта, бо навгониҳо ва хулосаҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Диссертатсия кори мустақилона анҷомдодаи муаллиф ҳисобида мешавад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 35 мақолаи зерини нашрнамудаи унвонҷӯ, ки аз онҳо 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, инъикос ёфтааст.

**I. Монографияҳо:**

1. Каримов, М. Аз таърихи инкишофи системаи маориф дар ноҳияҳои тобеии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1924-1980). – Душанбе: ДДОТ, 2019. – 140 с.

2. Каримзода, М. Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021).– Душанбе: ДМТ, 2025. – 370 с.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

3. Каримов М.Б. Ҳамкориҳои Тоҷикистон дар соҳаи маориф бо ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ. Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ. -2023.- №6 (107). –С.226-232.

4. Каримов М.Б. Вазъи омузиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилти миёнаи умумии Вилояти Суғд солҳои 2010-2014. (Шаҳрҳои Қайрокум, Истаравшан ва ноҳияҳои Ҷ. Расулов, Спитамен). Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ. -2023.- №5.(106) – С.260-265.

5. Каримов М.Б. Вазъи муассисаҳои таълимии ноҳияи Шаҳринав дар давраи Истиқлолият. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.-қисми 2.-Душанбе-2023.- С.59-64.

6. Каримов М.Б. Тавсияҳои методӣ оид ба нақшаи инфиродии донишҷӯ. Паёми пажуҳишгоҳи «Рушди маориф» .- №3.(43)- Душанбе -2023. –С 238-246.

7. Каримов М.Б. Татбиқи барномаи давлатии рушд дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Тонишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар солҳои 2008-2015. Паёми ДМТ.-2023.- №12 қисми 1. –С. 94-101.

8. Каримов М.Б. Татбиқи «Барномаи давлати рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ ва Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур // «Паёми Донишгоҳи забонҳо» . -2023.- №1 (53). –С. 334-342.

9. Каримов М.Б. Раванди иҷрои «барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» дар мисоли ноҳияҳои Ёвон, Абдураҳмони Ҷомӣ ва хуросони вилояти хатлон. // Паёми ДМТ.-2023.- №12(51). –С. 46-54.

10. Каримов М.Б. Нигоҳе аз таърихи натиҷаи озмоиши низом нави баҳодиҳи (10-100) хола ба дониш, қобилият ва маҳорату малакаи хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ. // Паёми Донишгоҳи забонҳо . -2023.- №3 (51). –С. 320-327.

11. Каримзода М.Б. Таърихи амалӣ гаштани хусусиятҳои хоси таълими салоҳиятнок дар замони Истиқлол // Паёми китобхонаи миллӣ № 4(8) Душанбе. – 2024 с. 59-68.

12. Каримзода М.Б. Муаммо ва масъалаи таъмини муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ дар шароитиислоҳоти маориф дар Тоҷикисони соҳибистиқлол // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон № 12 қисми II, Душанбе. – 2024 с. 89-95.

13. Каримзода М.Б. Аз таърихи омӯзиши фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон № 11 қисми I, Душанбе. - 2024, с. 147-155.

14. Каримзода М.Б. Муносибати салоҳиятнок ба таълим дар шароити ислоҳоти маорифи Тоҷикистон (таърих вазъ, дурнамо) комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Фурӯғи илм № 2 (2), Душанбе. - 2024, с. 237-246

15. Каримзода М.Б. Вазъи ислоҳоти мактаб-интернатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни гузариш ба низоми нав (1991-2020) // «Паёми Китобхонаи миллӣ» шумораи 4-уми соли 2025.

16. Каримзода М.Б., Абдурашитов Ф. М., Нақши паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат Эмомали Раҳмон дар Ислоҳот ва рушди соҳаи маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлол // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон № 9 – Душанбе, 2025, С. 67-72.

17. Каримзода М.Б. Таъсис ва фаъолияти муассисаҳои хусуси, литсейҳо ва гимназияҳо дар раванди гузариш ба низоми нави таҳсилот ( 1991-2021) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон № 10 - Душанбе.-2025, С. 130-136.

18. Каримзода М.Б. Аз таърихи ташаккул ва рушди муассисаҳои томактабии ғайридавлатӣ // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ №5(118) Душанбе.-2025 С.307-315.

19. Каримов М. Вазъи сифати таълим ва таъмини кадрии муассисаҳои таҳсилоти итидоию миёнаи касбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021) // Паёми ДДОТ, 2025. - №5 (118). – С.307-315.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

20. Каримов М.Б. Аз таърихи инкишофи системаи маориф дар ноҳияҳои тобъеи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Депонирование» Наиз. Лат. Информационный центро МИН экономики и внешних экономических связей РТ № 38, вып. № 1. 1997.

21. Каримов М.Б. Омӯзиши баъзе масъалаҳои асосии дар мактабҳои миёнаи уммии ноҳияҳои тобеъи Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ №4., Душанбе 1997. саҳ.64 – 67.

22. Каримов М.Б. Таъмини мактабҳои миёнаи умумӣ ноҳияҳои тобеъи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кадрҳои баланд ихтисос Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ №7., Душанбе 1997. саҳ.33 - 36.

23. Каримов М.Б. Истифодаи методҳо омили асоси баланд бардоштани сифати дониши хонандагон дар дарси таърих Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ №2., Душанбе 2001. саҳ.27.

24. Каримов М.Б. Оиди вазифаҳо ва муайян намудани робитаҳои байни фаннӣ ва байни курсҳо Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ №3., Душанбе 2004. саҳ.64 – 67.

25. Karimov, M. A Critical Analysis on Historical Process of Higher Education in Iran [Text] / M. Karimov, A. Bagheri (Socioiogical Cultural Studies). – Tehran, 2013 – Vol.4. – PP.58-63.

26. Karimov, M. From the history of the emergence of universities in Iran [Text] / M. Karimov, A. Bagheri (Socioiogical Cultural Studies).- Tehran, 2013 – Vol.8. – lss/- PP.83-88.

27. Каримов М. Б. Ҳамкории мактаб ва оила оид ба тарбияи насли наврас дар шарити муосир. Маводи конфронси илмӣ – амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Мақоми педагогикаи халқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ».- Душанбе, 2013. саҳ. 45 – 46.

28. Каримов М. Б. Баланд бардоштани маърифати педагоги волидон ҳамчун омили муҳими пешрафти сифати таълиму тарбияи фарзандон. Маводи конфронси илмӣ – амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Таълими тафриқа», Душанбе, 2014. саҳ. 77 – 79.

29. Каримов М. Б. Талаботи умумидидактики ба дарси таърих. Маводи конфренсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 115-солагии Қарамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров. «Масъалаҳои мубрами таълими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - Душанбе 2023 С. 46-50

30. Каримов М. Б. Аҳамияти истифода намудани аёниятҳо дар баланд бардоштани савияи дониш маҳорат ва малакаҳои хонандагон. Маводи конфренсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 115-солагии Қарамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров «Масъалаҳои мубрами таълими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - Душанбе, 2023 С. 50-53

31. Каримов М.Б. Мавқеи тарбияи ватандустӣ ҷавонон дар мактаби сулҳи Пешвои миллат. // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- назариявӣ дар мавзуи «Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва рушди инноватсионии кишвар. –Душанбе, 2023. С. 138-144.

32. Каримзода М.Б. Аз таърихӣ омӯзиши фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ Тоҷикистон. // Конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон дар партави суханронии пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдатӣ миллӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба «Рӯзи Дониш» таҳти унвони «Нақш ва масъулияти омӯзгор дар замони Истиқлол» (12 декабри соли 2024),

33. Каримзода М.Б. Истифодаи усулҳои муоссири низоми таҳсилоти кредити дар фаъолгардонии равандҳои маърифатии донишҷуён. // Конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. Бӯстон – 2024. С. 18-24.

34. Каримов М.Б. Баланд бардоштани тафаккури миллӣ ва зиракии сиёсии ҷавонон алайҳи мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, // конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Терроризм ҳамчун омили таҳдидкунанда пойдории давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ» - Душанбе, 2024, С. 41-44

35. Каримзода М.Б. [Таджикистан] Компьютеризация средних образовательных учреждений в контакте реформы образования в Таджикистане в начале XXI ВВ. ENDLESS LIGHT IN SCIENCE. e-ISSN(Online) 2709-1201. Астана, Казахстан. – 2024, С. 240-246.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи **«Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) таҳқиқоти илмии анҷом ёфта ҳисобида шуда, он ба талаботи муқарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи **«Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)»** барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) ба ҳимояи кушод дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 05-уми декабри соли 2025 таҳти №5 қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 22 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «тарафдор» – 22 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Қарори №5 аз 05.12.2025 с.

Раиси ҷаласа,
профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик,
доктори илмҳои таърих, профессор — Ҳақназаров Абдуназар

Мудири кафедраи таърихи
халқи тоҷик, номзади илмҳои таърих,
дотсент — Сайнаков Сайнак Парпишоевич

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои таърих, дотсент — Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна

Имзоҳои А. Ҳақназаров, С.П. Сайнаков ва М.Г. Ганҷаковаро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода Сайвалӣ
6.12.2025

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Телефон: (+992) 2241383
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj
Сомона: www. tgpu.tj